3720/8.1 аз 20.07.2011

Ба мақомоти ҳудудии андоз

Доир ба таҳияи санадҳои
санҷишии андозсупорандагон

Бо мақсади сифатнок таҳия намудани санадҳои санҷиши ва дар сатҳи баланди касби гузаронидани санҷишҳои андоз, ки дар асоси талаботи Фармони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оиди ба низом даровардани санҷишҳои маҷмӯии (комплексии) андозсупорандагон» аз 10 феврали соли 2011 таҳти № 49 ва илова ба ҳамин Фармон аз 24.05.2011 таҳти №147 ба танзим даровардa мешаванд, чунин дастур дода мешавад.

Ҳангоми гузаронидани санҷишҳои маҷмӯи (комплекси) андоз санҷишгарон дар санадҳои санҷиши андозсупорандагон ҳатман чунин маълумотҳоро дарҷ намоянд:

-қайд намудани РМА, РЯМ андозсупорандаи соҳибкори инфиродӣ, қайд намудани РМА роҳбар ва сармуҳосиби шахси ҳуқуқӣ;
-давраи санҷиш;
-шахсони ваколатдори андозсупоранда (роҳбар, сармуҳосиб);
-маълумот оиди санади санҷиши охирин;
-маълумот оидиислоҳи камбудиҳои дар санади санҷишии қаблан гузаронида шуда;
-шаҳодатнома супорандаи ААИ;
-иқтибос;
-аз навбақайдгирӣ андозсупоранда;
-фонди оинномавӣ, тағйироти фонди оинномавӣ, саҳмияи саҳмдорон;
-маҳали фаъолияти андозсупоранда;
-маълумоти бонки (сомонӣ, арзи хориҷи);
-намуди асосии фаъолияти андозсупоранда (вобаста ба таҳвили мол иҷрои кор ва хизматрасони дар давраи санҷиши карда шуда);
-маълумоти мухтасар оиди воридот ва содироти мол дар асоси эъломияҳои гумрукии мол;
-намуди андозҳое, ки ҳисоб ва пардохт карда мешавад;
-дар давраи санҷиши чи қадар маблағ ба буҷет пардохт карда шудааст (вобаста ба намуди андозҳо);
-санади муқоисавӣ (бақия ва изофапули);
-иҷроиши мактубҳои дастурии Кумитаи андоз;
-истифодаи мошинаи назорати хазинавии дорои хотираи фискали;
-маълумот нисбати ҳар як намуди андоз дар алоҳидагӣ;
-нисбати андози фоида (даромад), намуди хароҷотҳо дар алоҳидагӣ (ба монанди: хариди мол, хароҷоти андози, музди меҳнат, андози иҷтимоӣ, инвентар, хароҷоти фароғати ва ғайра), агар бо зарар бошад сабаби бо зарар ҷамбаст намудани фаъолияти молиявӣ;
-нисбати андоз аз арзиши иловашуда, маълумот нисбати ҳисобнома-фактура аз рӯӣ ААИ ва аксизҳо, маълумот нисбати ҳисобнома-фактураҳои аз рӯӣ ААИ ва

аксизҳо ки аз ҷониби андозсупорандагони бемасъулият (харид) пешниҳод карда шудаанд,

-инвентаризатсияи молу мавод;

-маълумот оид ба истифодаи имтиёзҳои андозӣ, аз тарафи андозсупоранда;

-истифодаи методи алтернативии андозбандӣ;

-вазни қиёси андозҳои пардохташуда дар муқоиса аз даромади умумӣ.

Дарҷ намудани маълумотҳои мазкур дар санадҳои санҷиши ҷиҳати сифатнок ва шафофияти санҷишҳои ҳуҷҷатии андоз ҳатми мебошад.

Раис Н.Давлатов